“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
__________ Раҳмон Д.С.
“___” __________ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ: аз ҷумла, ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

Мубрамии мавзуи унвонҷӯ Нуралиев Мансур Исматуллоевич, ки барои таҳқиқоти кори диссертатсионӣ интихоб намудааст бо он муайян карда мешавад, ки таҳқиқоти мазкур аз низомбандии маълумот оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҷамъоварии маълумоти озмоишӣ, таҳлил ва ҷамъбасткунии натиҷаҳо, пешниҳоди хулосаҳои асосии диссертатсия иборат мебошад. Низоми муосири таҳсилот дар татбиқкунии шахсӣ ва касбӣ, фароҳам овардани шароитҳои худинкишофдиҳӣ, зарурати васеъ намудани донишҳои касбӣ-педагогӣ ва ташаккули сифатҳои муҳими субъективии омӯзгорони оянда нақши бузург дорад. Таҷрибаомӯзии педагогӣ бошад, ҳамчун унсури таркибии раванди таҳсилот дар ҳалли самаранокии сифатҳои муҳимми шахсию касбии омӯзгорони оянда, махсусан дар ташаккул ва рушди фаъолияти

эҷодӣ, ки ба қуллаҳои баланди касбӣ ноил гаштани онҳоро таъмин месозад, таъсири ниҳоят калон дорад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян карда шудааст, ки муаллифи кори илмӣ оид ба мавзуи илмӣ таҳлили ҳамаҷонибаро анҷом дода, дар омӯзиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот, дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дар баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷой додааст, ки дар дисертатсия баръало таҷассум ёфтааст.

Муаллиф тавонистааст, ки шароитҳои педагогие, ки боиси рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ мегарданд, ошкор намуда, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва мавриди озмоиш қарор дода, самаранокии онҳоро собит намудааст. Амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, таҳия намуда, мавриди амал қарор диҳад. Самаранокии раванди ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муйян карда шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионии Нуралиев Мансур дар он зоҳир мегардад, ки мафҳуми мавқеи акмеологии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи мутаносиби таҷрибаомӯзии субъектии омӯзгори оянда дар муҳити таълимии фаъолияти касбӣ, ки ифодаи устувор ва дарку фаҳми мушаххаси маънии он аз худ дарак медиҳад, аниқ карда шудааст. Моҳият, мазмун ва ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун омили ташаккули амалияи фаъолияти касбии омӯзгорони оянда ошкор ва муайян карда шудааст.

Инчунин, ғояҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар бунёди тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба  ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ аз тарафи таҳқиқотчиёни масъалаи омодагии касбии омӯзгорони оянда, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ, омӯзгорон ва мушовирони муассисаҳои таҳсилоти олии касби дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии

педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ тавассути машғулиятҳои амалӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Аз ин лиҳоз, бояд хотиррасон кард, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионии интихобнамудаи унвонҷӯ Нуралиев Мансур дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳаммияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия ва манзур карда шуда, барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ проблемаҳои муҳимро ҳаллу фасл карда, ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асосноккунии роҳу усулҳои самараноки мавқеи акмеологии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ барои беҳтару самаранок ташаккул ёфтан пешниҳод менамояд, агар:

- моҳияти мавқеи акмеологии донишҷӯён ҳамчун омили муҳимми рушди шахсӣ ва касбии онҳо муайян карда шавад;

- шароитҳои педагогие, ки боиси рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ мегарданд, ошкор ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шаванд;

- ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ба як низоми муайян дароварда шуда, асоснок карда шавад;

- фаъолияти амалии акмеологии муҳассилин ҷиҳати азхуд кардани салоҳиятҳо доир ба мавқеи акмеологӣ ба таври самаранок давра ба давра таъмин карда шавад;

- ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар тамоми марҳилаҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ мунтазам арзёбӣ карда шавад.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии бадастовардаи унвонҷӯ Нуралиев Мансур Исматуллоевич аз он далолат мекунанд, ки фарзияҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявии мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ”- ҷанбаҳои назариявии мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар асоси таҳлилу тафсири адабиёти психологӣ-педагогӣ, роҳу

усулҳои имконпазири рушди мавқеи акмеологии муаллими оянда дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, бахшида шудааст.

Дар зербоби аввали боби мазкур аз ҷониби довталаб ҷанбаҳои назариявӣ ва мафҳуми «акмеология» аз нуқтаи назари гуногун, ба хусус дар асоси назарияи муносибатҳо чун низоми мураккабтару устувор (Б. Е. Ананев, А. Т. Ковалев, Б. Ф. Ломов, В. Н. Мясишев, А. Т. Асмолов, Б. Т. Лихачёв, К. К. Платонов, А. А. Деркач, В. Г. Зазикин, Н. В. Кузмина, В. Н, Максимова, Н. М. Палетаева, А. А. Реан, С. Ф. Эхов ва дигарон) мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусияти сертаркиб будани сохтори он ҳамчун падидаи мураккаб ба натиҷаҳо ва дастовардҳои заҳмати баланди педагогӣ нигаронида шудааст. Мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда хусусияти пурраи татбиқ кардани қобилиятҳои инсон, муайян намудан ва рушдёбии имкониятҳои вай, шинохти табиати худ ва кӯшиши ба қуллаҳои баланд расиданро дар назар дорад. Ин раванд ҷараёни бошуурона, ҳадафмандонаи возеҳ ва муайян намудани моҳияти нерӯи шахсият дар фаъолияти гуногуни иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Дар зербоби дуюми боби аввал Нуралиев Мансур Исматуллоевич қайд мекунад, ки омили асосии ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ таҷрибаомӯзии педагогӣ мебошад. Таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун асос ва бунёди рушди мавқеи акмеологӣ мазмуни маълумоти касбии педагогиро муҳим гардонида, вазифаҳои асосии касбиро муайян намуда, ба ташаккул ва рушди маҳорати касбӣ ва сифатҳои шахсии омӯзгори оянда мусоидат мекунад. Аз ҷумла:

- мустаҳкам кардан, амиқ гардонидан ва бой намудани донишҳои педогогӣ - психологӣ, тахассусӣ ва амалӣ намудани онҳо дар ҳалли вазифаҳои мушаххаси таълиму тарбиявӣ;
- тарбия намудани шавқу устуворӣ ва муҳаббат ба касби омӯзгорӣ, талаботи худтарбиякунӣ ва худомӯзии кабию педагогӣ, зарурати ташаккули муносибати эҷодӣ ба фаъолияти педагогӣ;
- шиносоӣ ва ҳолати кунунии кори таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва таҷрибаомӯзии пешқадами педагогӣ, расонидани ёрии амалӣ ба муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар ҳалли вазифаҳои тарбияи кӯдакону наврасон.

Дар диссертатсия муаллиф зикр намудааст, ки таҷрибаомӯзии педагогӣ тибқи консепсия ва барномаи навсозии мазмун марҳилаҳои мутобиқшавӣ, таълимдиҳанда, тарбиякунанда, инкишофдиҳанда ва рефлексивиро иҷро мекунад. Ин вазифаҳо метавонанд пурра ҳамчун асос

барои ташаккулу рушди мавқеи акмеологӣ хизмат мекунанд.

Довталаби кори таҳқиқот оид ба ҳар як масъалаи дар зербобҳо баррасишуда андешаҳои шахсии худро аз нуқтаи назари таҳлилӣ баён намуда, вобаста ба онҳо пешниҳоду тавсияҳо манзур кардааст.

Боби дуюми диссертатсия ба масъалаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ бахшида шуда, роҳҳои самаранок ташкил намудани таҷрибаомӯзии педагогӣ ва моҳияти он барои ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ марҳила ба марҳила омӯхта ва муайян карда шудааст.

Дар зербоби аввали боби мазкур Нуралиев М.И. корҳои озмоиширо дар се марҳила: муайянкунӣ, шаклдиҳӣ ва ниҳоӣ гузаронида, пешниҳод менамояд, ки дар мавриди муайяну муқаррар кардани бунёди мантиқи озмоишӣ мо ба он такя намудем, ки мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда таҳсилоти мураккаби бисёрҷониба буда, сифати шахсият, самти шахсӣ ва инкишофи минбаъдаи қобилиятҳои эҷодии донишҷӯро дар муваффақиятнокии намудҳои гуногуни фаъолияти касби омӯзгорӣ таъмин мекунад. Аммо таҳлили таҷрибаомӯзии амалияи омӯзгорӣ, пеш аз ҳама, як қатор проблемаҳоеро ошкор кард, ки шаҳодат медиҳанд дар донишҷӯён қобилияти истифода бурдани донишҳои назариявӣ барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ташаккул наёфтааст. Танҳо 25,2% донишҷӯёни дар корҳои тачрибавӣ ҷалбшуда чунин мешуморанд, ки аз худ кардани маҳорати касбии педагогӣ яке аз вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии педагогӣ мебошад. Боқимонда 63,8% вазифаи асосии дар худ “андоза кардан”-и нақши муаллим, донишҳои назариявиро дар амал татбиқ кардан, маҳорати муоширатро бо бачагон пайдо кардан, хонандагонро бо дониш мусаллаҳ намудан ва то чӣ андоза қобилияти омӯзгорӣ доштанро тавзеҳ доданд.

Корҳои озмоишии анҷомдодаи довталаби дарачаи илмӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҷрибаомӯзон дар ташаккули маҳорат бештар дар сатҳи миёна қарор доранд.

Дар зербоби 2-и боби мазкур ташкили корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ роҷеъ ба мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ марҳилаҳои асосии фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишии амалӣ намудани амсилаи мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ мавриди баррарсӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф иброз медорад, ки амсилаи таҳияшуда, асосан, хусусияти вижа дошта, ба таъмини ягонагии омодагии ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ нигаронида шудааст. Тибқи он шаклҳои вазифаҳои таълимӣ ва маърифатие пешниҳод карда шудаанд, ки дар рафти он донишҷӯ муносибати худро ба касби оянда дарк намуда, олами ботинии худро дигар мекунад.

Дар зербоби 3-и боби дуюми диссертатсия натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккул ва рушди мавқеи акмеологии омӯзгори оянда дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ оварда шуда аст.

Муаллиф дар ин марҳилаи ниҳоии озмоиш самаранокии шароитҳои муайяншудаи педагогӣ, ки ба рушди мавқеи акмеологӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ мусоидат мекунанд, мувофиқи меъёрҳои муайянкарда мушаххас намуда, инчунин таҳлили муқоисавии натиҷаҳоро гузаронидааст, ки ба ташаккули салоҳияти асоси (умумии касбӣ)-и донишҷӯён дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ нигаронида шуда буданд.

Дар рафти корҳои озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти озмоишӣ, ки муаллифи диссертатсия Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар назди худ гузоштааст ҳалли худро ёфта, бо истифода аз усулҳои эмпирикии мухталиф натиҷагирӣ ва ҷамъбаст карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст, ки дар байни хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар охири озмоиш дар сатҳи ҳавасмандгардонии дастовардҳо дар сатҳи баланд тафовути ҷиддӣ пайдо шудааст. Донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ бо хоҳиши том ва муташаккилона ба кор ҷалб шуда, ба натиҷаҳои он фаъолона бо шавқу ҳавас ва ҳисси қаноатмандӣ муносибат намуданд, ки ин таъсири семинарҳои махсус, ташкили кори гурӯҳҳои озмоишӣ, конференсияҳо, иҷрои супоришҳои гуногун, машқҳо, машғулиятҳо барои баланд бардоштани дараҷаи ҳавасмандгардонӣ ба хотири ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда мебошад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ: навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи кори таҳқиқотӣ моҳияти мавқеи акмеологии донишҷӯён ҳамчун омили муҳимми рушди шахсӣ ва касбии онҳо муайян карда, шароитҳои педагогие, ки боиси рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар

рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ мегарданд, ошкор, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва мавриди озмоиш қарор дода, самаранокии онҳоро собит намудааст.

Инчунин, амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда имкон медиҳад, таҳия ва мавриди амал қарор дода, самаранокии раванди ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муйян карда шудааст.

Консепсияҳои муосири ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаро ба фаъолияти касбӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳлил карда, тавсияҳои илмӣ-методӣ доир ба ташаккулу таҳаввули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия ва пешниҳод намудааст.

Аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Нуралиев Мансур Исматуллоевич аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот иборат аст, ки нуктаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Мавқеи акмеологии донишҷӯ натиҷаи рушди шахсӣ ва касбии омӯзгори оянда ҳамчун худмуқимгардонии субъект, вонамудкунандаи сохти мураккабе, ки ба натиҷаҳои баланд ва дастовардҳои меҳнатии омӯзгор нигаронида шудааст ва дар айни замон натиҷа, дастоварди рушди шахсият маҷмуи омилҳои рушддиҳандаи фаъолияти минбаъдаи мутахассиси оянда, ташаккули сифатҳо ва маҳоратҳои касбӣ-шахсӣ муайян мегардад;

2. Омилҳое, ки ба ташаккули фаъолияти касбии омӯзгорони оянда ҳамчун раванди махсуси педагогии азнавсозии ҳолати функсионалӣ, гузариш аз як ҳолат ба ҳолати дигар дар шароити ташкилкардашудаи фаъолияти амалӣ равона шудаанд;

3. Таҷрибаомӯзии педагогӣ ба ташаккули фаъолияти амалии омӯзгорони оянда ёрӣ медиҳад, агар: вай марҳила ба марҳила аз рӯи мантиқи худи таҷриба - аз ғанӣ гардонидани таҷрибаомӯзии субъектии донишҷӯён ба ташаккули сохторҳои махсуси амалию фаъолияти касбӣ ва рушди онҳо бо роҳи азнавсозии таҷрибаомӯзии мазкур; дар мазмун ва ташкили он талаботи муосир ба фаъолияти касбии муаллим инъикос ёфта бошанд; - дар ҳар як давра донишҷӯён вазифаҳои касбиро ҳал кунанд ва мунтазаму ҳаматарафа фаъолияти худ ва таҷрибаомӯзии бадастовардаро мавриди рефлексия қарор диҳанд.

4. Амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ оид ба мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда, аз ҷумла, мулоҳизаҳои (бахшҳои) ташкилию

идоракунии раванди назоратию баҳодиҳӣ ба ташаккули сифату маҳорати касбию шахсии муҳассилин гузаронидашуда, гузаришро аз талаботи маъмурию меъёрӣ ба таъминоти педагогии инфиродии омӯзгори оянда дар амалия пешбинӣ менамояд ва барои бомуваффақият анҷом додани фаъолияти касбии оянда имкон медиҳад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти анҷомдодаи Нуралиев Мансур дар он зоҳир мегардад, ки ғояҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар бунёди тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ аз тарафи таҳқиқотчиёни масъалаи омодагии касбии омӯзгорони оянда, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ, омӯзгорон ва мушовирони макотиби олӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони оянда тавассути машғулиятҳои амалӣ истифода карда мешавад.

Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ. Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал асоснокии назариявӣ ва методологии мавқеи ибтидоӣ, таҳлили амиқи назариявии масъалаи таҳқиқшаванда, татбиқи маҷмуи методҳои назариявӣ ва амалӣ, ки ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд, воситаҳои ташхис-репрезантивии интихоб, таҷриба ва мавқеи назариявии санҷишӣ озмоишӣ, интихоби методҳои мувофиқи мантиқии таҳқиқоти омори математикӣ собит карда шудаанд.

Натиҷаҳои эътимоднокии таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд. Инчунин, он бисёрҷанба ва тулонӣ ба иҷро расида, дар ҷараёни он мутобиқати пурраи асосҳои назариявӣ, ки аз таҳлили андешаҳои олимони намоёни тоҷик, рус ва мамолики Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) роҷеъ ба фаъолияти педагогӣ-психологӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда, асарҳои илмӣ-таҳқиқотии ба мавзуъ дахлдори муҳаққиқони муосири Тоҷикистон, Русия ва давлатҳои узви ИДМ, андешаҳои намояндагони соҳаи маориф дар маҷаллаҳои илмӣ-педагогӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ-публитсистӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ, маводи захираҳои интернетӣ, таҳқиқоти бунёдии олимони тоҷик ва ғайра, ки ба масъалаи ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ рабт доранд, ташкил мекунанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи

бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ҷаласаҳои кафедраҳои педагогика, психология, дар Шуроҳои илмӣ-методии муассисаи таълимии номбурда муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шуданд.

Муқарраротӣ асосии кори диссертатсионӣ ҳамчунин дар интишороти муаллиф тавассути нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмӣ ва ироаи маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: конференсияҳо, семинарҳо ва мизҳои мудаввар тасвиби худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар як номгӯй дастури таълимӣ ва 9 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки 7 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Аз ин лиҳоз, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Нуралиев Мансур Исматуллоевич боэътимод ва боварибахш буда, шубҳаангез нестанд. Муаллифи диссертатсия дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот буда, дониши хуби назариявӣ дошта, андешаву назари илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами хусусиятҳои ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоиро таъмин мекунад, равона карда шудаанд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуктаҳои илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ. Дар баробари он ки аз ҷониби унвонҷӯ корҳои хело зиёди илмӣ ба анҷом расонида шудааст, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Бисёр хуб мешуд, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳияи рисолаи илмӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ таваҷҷуҳи бештар медоданд. Дар феҳрист танҳо 20% адабиёти истифодабурдаро адабиёти ватанӣ ташкил медиҳад.

2. Агар дар қисми таҷрибавӣ - озмоишии таҳқиқот донишҷӯёни дигар донишгоҳ ва донишкадаҳои ҷумҳурӣ, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ омода менамоянд мавриди озмоиш қарор мегирифтанд, арзишмандии кори илмӣ ба маротиб баланд мешуд.

3. Муаллифи диссертатсия оид ба худомӯзии донишҷӯ ва омӯзгориояндаи синфҳои ибтидоӣ, ки яке аз роҳҳои асосии такмили маҳорати касбӣ мебошад ва дар замони инкишофи босуръати Интернет ва дигар сарчашмаҳои илмӣ дар диссертатсия ҷой надодааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои техникӣ, грамматикӣ ва имлоӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо сифати кори диссетатсиониро баланд хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нуралиев Мансур Исматуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов Миралӣ Абдусамадович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи муштараки кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Нуралиев Мансур Исматуллоевич иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои мазкур 15 нафар омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 15 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи муштараки васеӣ семинари илмӣ-кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо ва педагогика аз 12.03.2024, №8).

Раисикунандаи ҷаласа,
муовини ректор оид ба илм ва инноватсия
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент — Рафиев Сафархон Аюбович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон — Давлатов Миралӣ Абдусамадович

Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ
ва методикаи таълими онҳо, номзади
илмҳои филологӣ, и.в. дотсент — Шералиева Садбарг Маҷидовна

Мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогика,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент — Назаров Ҳотам Сарфарозович

Котиби ҷаласаи муштараки
кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва
методикаи таълими онҳо ва кафедраи
умумидонишгоҳии педагогика — Ёрмадов Алишер Ҷолматович

“Имзоҳои Рафиев С.А., Назаров Ҳ.С., Шералиева С.М, Давлатов М.А. ва Ёрмадов А.Ҷ. тасдиқ мекунам.”

Сардори ШК ва КМ Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16; Тел: (+992 3322), 2-35-06; E-mail: info@kgu.tj